**ҚАРОРИ**
**ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-014**
**назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

**аз 17 сентябри соли 2025, №67** **ш. Душанбе**

Баъд аз шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи Зуҳуров Бахтиёр Искандарович дар мавзуи «Истифодабарии самараноки сарватҳои табиӣ ҳамчун омили рушди иқтисодиёти минтақа (дар мисоли Вилояти Хатлон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ, тақризи роҳбари илмӣ – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, профессори кафедраи иқтисоди ҷаҳони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Содиқов Метархон Соқибекович, тақризи муассисаи пешбар Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, тақриз ва баромади муқарризони расмӣ: Садриддинов Манучеҳр Исломиддинович – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири шуъбаи Академияи хурди илмҳои Тоҷикистон дар назди раёсати АМИТ, Тешаев Мирзошариф Саидҷафарович - номзади илмҳои иқтисодӣ, ҷонишини декан оид ба таълими факултети молиявӣ-иқтисодии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ, баромади мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда: д.и.и., профессор Раҳимзода Ҳ.Р., д.и.и., дотсент Аминов И., аъзои шурои диссертатсионӣ д.и.и., профессор Умаров Х. ва раиси шурои диссертатсионӣ д.и.и., профессор Фақеров Ҳ.Н. Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи аз тарафи аъзои шурои диссертатсионӣ қабулгардида оид ба саҳеҳият, навгонии илмӣ, аҳаммият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин, натиҷаи корҳои нашршуда доир ба мавзуи диссертатсияи Зуҳуров Бахтиёр Искандарович,

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Зуҳуров Бахтиёр Искандарович дар мавзуи «Истифодабарии самараноки сарватҳои табиӣ ҳамчун омили рушди иқтисодиёти минтақа (дар мисоли Вилояти Хатлон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ, ба талаботи муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисос тибқи «Низомномаи шурои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад;

2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти таҳқиқотро инъикос менамоянд;

3. Ба Зуҳуров Бахтиёр Искандарович дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ дода шавад;

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда мешавад, ки қарори шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Зуҳуров Бахтиёр Искандаровичро бо дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ сарфароз гардонад.

**Раиси**
**шурои диссертатсионӣ**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Фақеров Ҳ.Н.**

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Убайдуллоев Ф.К.**

**17 сентябри соли 2025**